МУҲАММАД СУБҲОН

# ГӮСОЛА «БЕ» ГУФТ



МАОРИФ

Буд набуд, дар замонҳои қадим, дар як ҷангалаки назди дарёи кӯҳӣ як дарахти азимҷусса месабзид. Зери ҳамин дарахти сершоху барг як саройхонае буд. Шоҳи ҳайвоноти олам Шер ҳамроҳи шербачаҳояш дар назди ҳамин саройхона зиндагӣ мекард. Шер гоҳ-гоҳ баъди шикор саройхона бо ҳайвонҳо вомехӯрд.

Як рӯз ба сари Шер фикре омад, ки чаро ҳайвонҳо мисли одамон сухан гуфта наметавонанд? Сухандонии одамон ба Шер хеле алам мекард. «Ман, ки шоҳи олами ҳайвонот бошам, бояд чорае андешам, то мо – ҳайвонҳо ҳам мисли одамон сухан гуфта тавонем. То кай мо, бо имову ишора зиндагонӣ мекунем? Бояд илоҷе кард, ки бачаҳои мо ҳарфҳоро азхуд кунанд», хулосаашро чунин ҷамъбаст кард

Шер.

Ҳамин тавр, Шер нақшаи дарсхонии ҳайвонҳоро тартиб дод ва дар як кунҷи сарой синфхона кушод. Пагоҳии дигар ба воситаи парандаю чарандаҳо ба ҳама гӯшаву канори ҷангал, дашту биёбон, водиву саҳро хабар фиристод, ки ҳар ҳайвони чорпо бояд бачаи худро барои омӯхтани ҳарфҳо ба ин сарой фиристонад, то бачаҳои онҳо ҳарфҳоро омӯхта оқилу сухандон шаванд. Ҳамаи ҳайвонҳо аз ин гап тез хабардор шуданду чанд шабу рӯз роҳи дуру дарозро тай карда, ба ин сарой омаданд.

Вақте ҳамаи ҳайвонҳо дар сарой ҷамъ омаданд, Шер онҳоро хайра мақдам гуфт ва мақсади худро баён кард. Гуфтаҳои шоҳи олами ҳайвонот ба онҳо писанд омад.





Б/Ф 27746 ч/з

Баъзеашон ҳатто аз ҳайбати Шер натарсида, аз хурсандӣ ба ҷастухез даромаданд, ба ёли вай даст расониданд, нарм-нарм навозиш мекарданд.

– Аз ҳамин рӯз ҳамаи шумо бояд ҳарфҳоро омӯзед, баъд оҳиста-оҳиста калимаҳоро азхуд мекунем. Дар ҷангал маҳви бесаводӣ мегузаронем, ки дигар бо имову ишора не, мисли одамон бо забон гуфтугӯ намоем, - бо виқор рӯй ба ҳайвонҳо овард Шер ва илова намуд:

– Акнун ба дарс шуруъ мекунем. Шумо саф кашида нишинед, то ман бубинам дар кадом қатор кӣ нишастааст ва шумораи шумо чанд аст. Ҳайвонҳо бошанд аз дидорбинии якдигар хурсанд шуда, навгонию рӯйдодҳои диёри худро

бошавқ нақл мекарданд.

– Обу ҳаво имсол, ба бахти мо, нағз омад. Борони найсон бисёр бориду дар дашту саҳро сабзаҳо дамида, ҳама ҷо сериву пурӣ шуд, - таърифкунон гуфт ғизол ба бузичаи пармашох.

– Шукр гӯед, ки гург хабардор нагаштааст, ин ҳам бахти шумо, - гуфт хари нодон, - вагарна чорхез-занон омада баррачаҳоятонро пора-пора мекард.

– Оҳиста, гург дар паҳлуятон, - овоз баровард рӯбоҳ.

Ин лаҳза Шер ҳамаро ба оромӣ даъват кард:

– Акнун мо омӯзиши ҳарфҳоро, аввал аз қатори пеш нишастагон оғоз мекунем, - гуфт ӯ.

Дар қатори аввал саги алопар, бузичаи пармашох, баррачаи алояк,





аспи думдароз, гурба, гурги уллосӣ, хари нодон, гӯсолаи каллакалон менишастанд.

Дар қатори дуюм - паланги даштӣ, хуки ёбоӣ, рӯбоҳи ҳиллагар, хирси малла, шағоли зард, уштури лаванд ва мири мушон. Дар қатори сеюм - ҷайра, санҷоб, харгӯш, кафтор, шоҳпаланг, гавазн ва юрмони зард. Ва ҳамин тавр қаторҳо давом мекард.

Шер аввал ҳамаи ҳарфҳоро як ба як номбар кард.

– Канӣ, ҳарфҳоро барои худ интихоб кунед, - хитоб намуд Шер.

Саги алопар аз ҷояш ҷаста гуфт: - ба ман ҳарфи аввалро диҳед.

Ҳарфи аввал, ки «А» буд, ба ӯ бисёр маъқул афтод.

– Бисёр хуб, ту бояд акнун калимаҳоеро ёбӣ, ки бо ин ҳарф сар

мешаванд, - гуррид Шер, - ва онҳоро азёд кун, мисли калимаҳои анор, анҷир, ангур, асал ва ғайра. Аввал талаффузашро омӯзу ба ҷой ору бисёртар «а, а, а, а, а, а, а» гӯй.

Саг ба такрор «а, а, а, а» гуфта, ниҳоят ба аккос задан даромаду аз он замон то ба ҳол талаффузи калимаро машқ мекунад.

– Ба ман ҳарфи «М» маъқул, - гуфт гурба.

– Канӣ такрор кун!, - гуфт Шер. Гурба чанд маротиба «м, м, м», - гӯён садо бароварду ногоҳ «мияв» гуфта монд.

Аспи думдароз ба ман ана он ҳарфи думчадор, - гӯён ҳарфи «Ҳ»-ро интихоб кард. Талаффузи ин ҳарфро машқ карду охирон шиҳакаширо омӯхт.

Хари нодон бошад, ба ман ҳарфи





«Ҳ» маъқул гуфта, мисли асп «ҳ, ҳ, ҳ», гӯён якбора ҳангос зад. Баррача ва бузичаи пармашох бошанд, ҳарфи «Б»-ро интихоб карда, баробар ба «б» - гӯӣ даромаданд. Онҳо ҳарчанд зӯр заданд, ба ҷуз ҳиҷои «бе» дигар сухан гуфта натавонистанд. Шер ба онҳо вазифа дод, ки дурустар машқ намоянд.

Ба гург ҳарфи «У» хуш омад. Чанд маротиб «у, у, у, у» гӯён, оқибат сахт уллос кашид. Ӯ аз омӯзгор супориш гирифт, ки бо ин ҳарф чанд калимаи дигарро аз ёд мекунад. Навбат ба гӯсола расид. Гӯсолаи каллакалон дар ҷояш карахт нишаста, ба шер нигоҳ мекард.

Шер сӯйи гӯсола нигариста фарёд зад:

– Гӯсолаи каллакалон, - ту ҳам

барои худ ягон ҳарфро интихоб намудӣ ё не?

Гӯсола аз ҳайбати шер чунон тарсид, ки пойҳояш ба ларзидан даромад, забонаш чунг шуда буд.

Шер хитобан гуфт:

– Эй каллаварам, бигӯй: «в»!

Гӯсола ҳарчанд зӯр зад, аммо «в» гуфта натавонист.

– Наметавонед-чӣ? - дар газаб шуд Шер. Набошад, «де-е» гӯй, гӯсола натавонист ва танҳо «д» гуфта монд.

– Акнун «и» гӯй, - исрор кард Шер. Гӯсола «и» гуфта натавонист.

– Эй гӯсола, номат ба худат мезебад, чаро гарангнамову нотавонӣ? Дар ғазаб шуд Шер, - намедонам, ман ба ту боз кадом ҳарфро ба ту пешниҳод кунам - а?

– Шоҳам, хуб мешуд, гӯсола





ҳарфи «бе»-ро ёд гирад, - садо баланд кард саг.

– Гӯсфанд «бе» гӯяд, буз «бе» гӯяд, бас будагист, - ғуррид Шер.

– Шоҳам, ин ҳайвонҳои ҷуфт-сум ҳама аз як оилаанд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки ҳарфи «бе» ба ҳамаи онҳо маъқул аст, - гап партофт хари нодон.

– Биёед, ба ӯ каме имкон диҳем, камтар машқ кунад, - хоҳиш кард бузичаи пармашох.

– Гап сари интихоби ҳарф барои гӯсола мерафт, ки аз болои кӯҳ садои гӯшхароши фаромадани тарма баланд шуд. Сарой аз оби лойолуд пур гашта, ҳайвонҳо аз тарс ба чор тараф гурехтанд. Шер зери тармаву оби лой монд. Гӯсола бошад, аз тарси ҷон паси бузичаву гӯсфанд сӯйи теппа давид. Аз ҳаросонӣ ё

гуруснагиву ташнагӣ бошад, ки гӯсола фукашро боло карда, якбора баос зад. Ин овозро бузу гӯсфанд шунида, хурсанд шуданд, ки акнун гӯсола ҳам ҳарферо ёд гирифтааст.

– Аз он рӯзе, ки ҳайвонҳо бо амри Шер ба омӯхтани ҳарф оғоз карда буданд, гӯсола дар пайравии бузу гӯсфанд баос заданро омӯхту то имрӯз вақти гуруснагиву ташна мондан баос мезанад.

Бо резиши тарма дарси Шер ба анҷом нарасид ва дари саройхона то ҳол боз мондааст. Ҳайвонҳо ҳарфомӯзиро фаромӯш намуда, ҳанӯз бо садоҳои дилҳашон аз мавҷудияти якдигар хабар медиҳанд. Масалан, мешунавем:

– А....! Ангур, анҷир, анор!........

– М...! М......, мияв!............

– Б.....! Бе....., бееее...........

ББК 84 тоҷик 7-4
С–88

КДБЧ ба номи
М. МИРШАКАР
ТОЛОРИ ХИЗМАТРАСОНИ
БАРОИ ... СИНФИ

# ГУСОЛА «БЕ» ГУФТ


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Б. Салмонов |
| Муҳаррири техники | Р. Абдуллоева |
| Рассом | С. Имодинова |
| Тарроҳ | Р. Галимов |
| Ҳуруфчин | С. Зайниддинов |

Ба чопаш 13.01.15 имзо шуд. Андозаи 50x70 1/32.
Ҷузъи чопӣ 1,25. Чопи офсетӣ. Коғази бурандуд.
Супориши № 55/2015. Адади нашр 5000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел: 98-552-89-89. E-mail: najmiddin64@mail.ru.

МАОРИФ

9 789994 712786

ISBN 978-99947-1-278-6

© «МАОРИФ», 2015